Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзулло Бахтовар Сайфулло дар мавзуи "Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити имрӯза тақвияти бахшҳои афзалиятноки иқтисоди кишвар, метавонад амнияти иқтисоди ва молиявии кишварро дар шароити торафт бесуботшавии вазъи иқтисоди ҷаҳон таъмин намояд. Бинобар ин, барои ноил шудан ба чунин ҳадафҳо дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷумла, соҳибкории хурду миёна тавассути танзими давлатии низоми андозбандӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Муаллиф, дар таҳқиқоти илмӣ, масъалаи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро баррасӣ намуда, пешниҳод намудааст, ки ташаккули фишангҳои ҳамгироии фискалии бахшҳои воқеӣ зарурати таҳияи методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозиро дар бар мегиранд. Дар ин замина муфидгардонии гаронии андоз ва ҳамгироии байни фаъолияти субъектҳои хоҷагидор вусъат пайдо карда, аз ҳисоби занҷираи арзиши иловашуда устувории буҷети сатҳҳои гуногун таъмин мегардад.

Ба андешаи муаллиф, тақвияти соҳибкории хурду миёна бо роҳи беҳгардонии раванди маъмурикунонии андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, вусъат бахшидани ҷараёни рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ ҳамчун воситаҳои муҳим барои рушди соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, васеъшавии манбаи андоз ва усутуворгардонии буҷет мебошад.

Бояд қайд намуд, ки автореферати диссертатсия дар сатҳи зарурӣ бо дарназардошти талаботҳои мавҷуда омода шуда, муаллиф ба таври комил ақидаҳои худро пешниҳод намудааст. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундаричаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамзамон, дар автореферати диссертатсия камбудиҳое ба назар мерасанд, ки хусусияти тавсиявӣ дошта, метавонанд мубрамияти рисолаи таҳқиқотиро бештар намоянд.

1. Муайян намудани тарафҳои мусбӣ ва манфии низомҳои махсуси андозбандӣ;

2. Арзёбии иқтидори андозии субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна бо дарназардошти имтиёзу сабукиҳо.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи “Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна” аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Файзуллозода Бахтовар Сайфулло арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили
иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи
аграрии Тоҷикистон ба номи
Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Имзои д.и.и., профессор И. Ҳ. Самандарзодаро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои ДАТ
ба номи Шириншоҳ Шотемур Абдуҳалимзода Н.А.

23.05.2024

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Рудакӣ, 146. Тел. +992935114316. E-mail iskandar-s@mail.ru